Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

22 июли соли 2026
Чоршанбе
№ 58 (15277)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ВАЗИФАҲОИ БАРТАРИНОК ОИД БА ТАЪМИНИ ТАРАҚҚИЁТИ БОСУРЪАТИ ИҚТИСОДӢ ВА БАЛАНД БАРДОШТАНИ НЕКӮАҲВОЛИИ ХАЛҚ МУАЙЯН ГАРДИДАНД

**Зери раисии Президент Шавкат Мирзиёев 21 июл ҷамъомади видеоселекторӣ оид ба муҳокимаи дастовардҳои нимсолаи якуми соли ҷорӣ доир ба натиҷаҳои таъмини суръати афзоиш дар минтақаҳо ва соҳаҳо, инчунин вазифаҳои бартаринок ба давраи то охири сол баргузор гардид.**

Аз аввали сол иқтисодиёти мамлакатамон 8,5 фоиз афзуд. Дар саноат инкишоф ба дараҷаи 8 фоиз таъмин гардид, дар соҳаи хидматрасонӣ 16,9 фоиз, сохтмон 13,8 фоиз, хоҷагии қишлоқ 4,7 фоиз афзуд. Ҳаҷми сармоя ба 28 миллиард доллар, содирот ба 14,4 миллиард доллар расид. Агентиҳои байналхалқии рейтинги “Fitch” ва “Moody’s” кредити озоди рейтинги Ўзбекистонро ба як сатр баланд бардоштанд. Ҳамзамон, тавре ки роҳбари давлат таъкид кард, барои беҳсозии сифати ҳаёти аҳолии чилмиллионнафараи мамлакат бояд инкишофи 9-10 фоизаи иқтисодиёт таъмин карда шавад. Ишора шуд, ки барои ин роҳбарони минтақаҳо ва соҳаҳо имконоти мавҷударо бояд пурра роҳандозӣ намоянд ва натиҷаҳои дақиқро бинобар ҳар лоиҳа ва ҳар як корхона ба даст оранд.

Дар ҷамъомад иҷрои нақшаи шашмоҳа аз ҷониби роҳбарони минтақаҳо ва соҳаҳо дар рӯҳи танқид таҳлил гардид. Таъкид шуд, ки дар баъзе минтақаҳо захираҳои мавҷуда ба таври пурра барои таъмини инкишофи маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ, ҳаҷми сохтмон, сармоягузорӣ, истеҳсоли саноатӣ ва содирот ба кор андохта нашудааст. Дар бораи пурзӯр намудани масъулият нисбати роҳбароне, ки иҷрои нақшаҳои моҳона, семоҳа ва солонаро таъмин накардаанд, қарор қабул гардид.

Тавре ки роҳбари давлат таъкид намуд, агар кори ҳар як вазир ва ҳоким дар ҳаёти рӯзмарраи одамон эҳсос нагардад ва кори соҳибкоронро осон нагардонад, ҳар гуна натиҷаҳои ноилгардида танҳо дар коғаз ҳамчун рақам боқӣ мемонад. Бинобар ин дар асоси бархӯрди ҷиддан нав кор дар маҳалҳо оид ба рушди зерсохтор, таъмини шуғли аҳолӣ, дастгирии соҳибкорӣ ва боло бурдани даромади аҳолӣ ташкил карда мешавад.

Дар ҷамъомад ба масъалаҳои ташкили фаъолияти “ҳафтгонаи маҳалла” дар асоси нав эътибори махсус нигаронда шуд. Дар ин самт “чилрӯзаи зарбдор” эълон гардид, кор дар бобати татбиқи низоми нав дар ду ҳазор маҳалла, ки дар ҳолати вазнин қарор доранд, шурӯъ гардид. Ҳокимон барои ҳалли саривақтии масъалаҳо дар ин маҳаллаҳо, ки бо таъмини электр, газ, роҳ ва об иртибот доранд, шахсан ҷавобгар ҳастанд.

Мақомоти шуғли аҳолӣ дар ҳар як минтақа доир ба таълими шаҳрвандони муҳтоҷ, бо кор таъмин намудани онҳо ва баланд бардоштани даромадашон кори манзилнок мебаранд. Қарор гардид, ки фаъолияти бонкҳо ва идораи Ассотсиатсияи маҳаллаҳо таҷдиди назар мегардад. Се моҳи оянда барои онҳо давраи аттестатсияи амалӣ хоҳад гардид. Вазифаҳои дақиқ оид ба таъмини ободонӣ ва шинамгардонии маҳаллаҳо ва инчунин баланд бардоштани маданияти маишии аҳолӣ гузошта шуд.

Инчунин масъалаҳои дастгирии соҳибкорӣ ва беҳсозии муҳити корӣ муҳокима гардиданд. Таъкид ёфт, ки ҳоло ҳозир 51 вазорат ва идора соҳиби ваколатҳои гузоштани санксияҳои молиявӣ аз рӯйи 322 самт ҳастанд, солҳои 2024-2026 ҳаҷми умумии ҷаримагузорӣ қариб 3 триллион сӯмро ташкил намуд. Президенти мамлакат таъкид кард, ки мақомоти назораткунанда пеш аз ҳама бояд ба соҳибкорон имконият диҳанд ва роҳи дуруст нишон диҳанд.

Таъкид шуд, ки дар шароити пурзӯр гардидани рақобат дар бозорҳои берун барои содиркунандагон теъдоди пардохтҳо, ҷамъовариҳо ва харҷҳои зиёдатӣ кам карда шавад. Ба тамоми вазорат ва идораҳо супурда шуд, ки пешниҳодотро оид ба кам кардани тартиботи бюрократӣ, ҷарима, пардохт ва ҷамъовариҳо ва инчунин минбаъд беҳсозии фазои корӣ тақдим намоянд.

Инчунин нишондодҳои истеҳсол ва содироти саноатӣ дар рӯҳи танқид таҳлил гардид. Таъкид шуд, ки дар чандин ноҳия ва шаҳрҳо суръати инкишофи саноатӣ суст гардид, дар соҳаи содирот бошад, ба натиҷаҳои интизорӣ ноил нагардид. Ба Сарвазир баррасии фаъолияти ҳокимоне, ки ба натиҷа ноил нагаштаанд ва дар сурати адами тағйироти мусбӣ бинобар натиҷаи нӯҳ моҳ супурда шуд, ки ба роҳбарони масъул чораҳои ҷиддӣ андешад.

Ба он ишора гардид, ки дар натиҷаи таҳлили харҷи корхонаҳои стратегӣ, дар баъзе аз онҳо боло рафтани қимати арзиши аслии маҳсулот ифшо гардид. Дараҷаи баланди талаф дар сектори энергетикӣ ва ногузирии баланд бардоштани самаранокии тақсимоти электроэнергия ва гази табиӣ таъкид гардид. Вазифаҳо оид ба афзудани нархи бозории ширкатҳои калон, омодагӣ ба баргузории IPO ва баланд бардоштани ҷолибияти сармоявии онҳо гузошта шуданд.

Агарчи аз аввали сол воридоти андоз 27 фоиз зиёд гардида, аз 130 триллион сӯм гузашт, он чиз зери танқид қарор гирифт, ки нақшаи солона доир ба таъмини воридоти иловагӣ дар дараҷаи бояду шояд иҷро нагардид.

Инчунин вазифаҳои муҳим оид ба барқарорсозӣ ва хусусигардонии истеҳсолот муайян гардиданд. Таъкид шуд, ки ба сабаби рукуди чандин корхонаи соҳаи бофандагӣ имконоти истеҳсоли маҳсулот ба 5 триллион сӯм ва таъмини содирот ба миқдори 400 миллион доллар аз даст меравад. Инчунин аз аввали сол кам гардидани ҳаҷми истеҳсолот ба 11 триллион сӯм аз ҷониби 57 корхонаи соҳавӣ ва 76 корхонаи минтақавӣ зери танқид гирифта шуд.

Ба шахсони масъул супурда шуд, ки фаъолияти ҳар як корхонаи аз кор монда бо диққат таҳлил гардида, кори онҳо дубора барқарор карда шавад. Ғайр аз ин, дар доираи барномаи нави хусусигардонӣ ба савдо гузоштани объектҳои ғайриманқул, қитъаҳои замин ва саҳмҳои давлатӣ ба қимати умумии 100 триллион сӯм пешбинӣ мегардад ва ҳамчунин шартҳои пардохтро барои соҳибкороне, ки амволи давлатиро харид менамоянд, нарм карда шавад.

Сарфи назар аз он ки дар се соли охир 509 иқтидори истеҳсолии ба содирот пешбинишуда ба қимати умумии 11 миллиард доллар ба баҳрабардорӣ супурда шудааст, 208-тои он то ҳанӯз ба бозорҳои хориҷӣ набаромадаанд. Агар ба содирот ақаллан 30-40 фоизи маҳсулоти ин корхонаҳоро равона намоем, имкони таъмини воридоти асъори иловагӣ дар ҳаҷми 1,5-2 миллиард доллар мегардад.

Он чиз низ зери танқид гирифта шуд, ки аз аввали сол аз 47 минтақаи махсуси иқтисодӣ, дар 29-тоаш ягон амалиёти содиротӣ ба вуқӯъ напайвастааст. Ба шахсони масъул супурда шуд, ки “бригадаҳои таъҷилӣ” ташкил намуда, масъалаҳое, ки бо сертификатсияи таъмини маблағҳои гардишӣ, ҷустуҷӯйи бозори фурӯш ва логистика дар корхонаҳо ва минтақаҳои иқтисодие, ки ба содирот набаромадаанд, иртибот доранд, зуд ҳал кунанд. Инчунин вазифаҳо оид ба дастгирии брендҳои миллӣ муайян гардиданд. Дар ду соли охир ба ин мақсадҳо 15,5 миллиард сӯм равона гаштааст. Ҳамзамон таъкид шуд, ки сеяки корхонаҳои ватание, ки брендҳои худро сабти ном кардаанд, то ҳанӯз ба бозорҳои хориҷӣ набаромадаанд. Бинобар ин барнома оид ба пешбурди брендҳои миллӣ дар бозорҳои хориҷӣ, ҳимояи онҳо аз демпинг ва маҳсулоти сохта таҳия хоҳад гардид.

Таъкид шуд, ки 70 фоизи моли савдои хориҷӣ бо нақлиёти роҳи оҳан бурда мешавад, аммо нисбати он шикоятҳои зиёд аз соҳибкорон мерасанд. Бо иллати нарасидани вагонҳои боркашонӣ ва сарбории зиёди баъзе хатҳои роҳи оҳан машаққатҳои логистикӣ ба вуҷуд меоянд.

Ба шахсони масъул ҷалб намудани вагонҳои иловагӣ ва инчунин ноил гардидан ба шартнома бо Бонки ҷаҳонӣ дар заминаи ҷалби 200 миллион доллар барои рушди зерсохтори роҳи оҳан супориш дода шуд. Инчунин ҷараёни татбиқи шартномаҳое, ки дар доираи ташрифоти дараҷаи олӣ ба даст омадаанд, баррасӣ гардид. Дар солҳои охир зимни 52 чунин ташриф дар бобати татбиқи 1617 лоиҳаи сармоягузорӣ ба қимати умумии 213 миллиард доллар ба даст омадааст. Аз ин пас иҷрои ин “харитаҳои роҳ” зери назорати ҷиддии Палатаи ҳисобу китоб ва Вазорати корҳои хориҷӣ қарор мегирад.

Ба Сарвазир супурда шуд, ки ҳар ҳафта якҷоя бо роҳбарони соҳаҳо, ҳокимон ва сафирон ҷараёни татбиқи лоиҳаҳои дар қисмати давлатҳо баррасӣ намояд. Дар назди Маъмурияти Президент вазифаҳои таҷдиди назари фаъолияти намояндагии дипломатӣ дар соҳаи дипломатияи иқтисодӣ, ҷалби сармоя ва рушди содирот ва ҳамчунин тавсияи кадрҳои ҷавон ва замонавӣ ба ҷойи роҳбароне, ки вазифаҳои худро ӯҳда карда наметавонанд, гузошта шуданд.

Дар ҷамъомад инчунин масъалаҳои боздоштани инфлятсия ва таъмини бехатарии озуқаворӣ баррасӣ гардиданд. Таъкид шуд, ки сарфи назар аз ӯҳдадорие, ки қаблан ҳокимони вилоятӣ ба зимма гирифта буданд, боздоштани инфлятсия дар дараҷаи на баландтар аз 3 фоиз дар зарфи моҳҳои январ-июн, дар аксарияти минтақаҳо ин вазифа иҷро нагардид. Гуфта шуд, ки бинобар боло рафтани нархи гӯшт барои сарпур намудани харҷи бо ҳавопаймо овардани гӯшти воридотӣ 300 миллиард сӯм ҷудо карда шуд.

Таъкид шуд, ки натиҷаҳои ба рӯйхат гирифтани хоҷагии қишлоқ имкон дод, ки вазъияти кор дар чорводорӣ ба тариқи холисона муайян карда шавад. Барои дастгирии лоиҳаҳо дар соҳаи чорводорӣ барилова маблағи молиявӣ ҷудо карда мешавад. То охири сол ворид намудани 100 ҳазор сар ҳайвоноти калони шохдор ва 150 ҳазор сар гӯсфанд ва буз вазифа гузошта шуд.

Инчунин чорабиниҳои мушаххас бобати ташаккул додани захираи маҳсулоти меваву сабзавот ва картошка, сохтмони анборҳои яхдон ва захира намудани маҳсулоти озуқаворӣ муайян карда шуданд. То охири сол вазифа гузошта шуд, ки 340 анбори яхдон ба иқтидори умумии нигоҳ доштани 87 ҳазор тонна ба баҳрабардорӣ супурда шавад.

Роҳбари давлат таъкид кард, ки ҳеҷ кас пешакӣ гуфта наметавонад, ки дар иқтисодиёти ҷаҳон беқарорӣ то кай идома хоҳад кард. Суст гардидани фаъолияти иқтисодӣ дар мамлакатҳои асосии шарик метавонад ба фаъолияти корхонаҳои ватанӣ, пеш аз ҳама содиркунандагон, таъсир расонад.

Бинобар ин, таъкид шуд, ки тамоми роҳбарон барои сафарбар намудани захираҳои мавҷуда бо назардошти ҳама гуна таваккулҳои имконпазир омода бошанд. Якҷоя бо “марказҳои мағз”, ки ба соҳаҳо ва минтақаҳо вобаста карда шудаанд, то 15 август пешниҳодоти илман асоснок омода хоҳанд шуд. Ин пешниҳодот ба рушди маҷмӯии тамоми занҷирҳои “захира – зерсохтор – лоиҳа – истеҳсолот – воридот ба буҷет – содирот” равона карда мешавад. Андозаҳои макроиқтисодӣ, буҷет ва барномаҳои сармоягузорӣ ва содирот барои соли 2027 дар асоси бархӯрди нав – “сенарияи сафарбарсозӣ” таҳия хоҳанд гардид. Дар ҷамъомад ҳисоботи вазирон, роҳбарони соҳаҳо ва ҳокимон, нақшаҳои онҳо доир ба ташкили иҷрои вазифаҳои гузошташуда дар маҳалҳо шунида шуданд

**ЎзА.**



*Лоиҳаи сармоягузорӣ оид ба бунёди дастгоҳи сеюми буғию газӣ бо иқтидори 650 МВт дар «Неругоҳи барқии гармии Навоӣ» дар арафаи анҷомёбист.*

*Лоиҳаи мазкур, ки бо маблағгузории JICA амалӣ гардид, ба маблағи 786,7 миллион доллари ИМА арзёбӣ шудааст. Тибқи лоиҳа, як иншооти муосири энергетикӣ сохта шуда, дар як сол 4 миллиарду 786 миллион киловатт-соат неруи барқ истеҳсол хоҳад кард.*

*Мутахассисон таъкид мекунанд, ки пас аз ба истифода додани дастгоҳи нави буғию газӣ, дар як сол тақрибан 870 миллион метри мукааб гази табиӣ сарфа мешавад.*

*Айни замон ҳазорон мутахассисони маҳаллӣ дар корҳои сохтмонӣ фаъолона иштирок доранд. Барои татбиқи лоиҳа мутахассисони ширкатҳои Ҷопон ва Туркия бо кадрҳои маҳаллӣ ҳамкорӣ мекунанд.*

*Қарор аст корҳои сохтмон ва васлкунӣ то охири соли ҷорӣ анҷом ёфта, иншоот ба истифода дода шавад.*

***Дар сурат:*** *лаҳзае аз корҳои сохтмон ва васлкунӣ.*

***Суратгир: С. АСЛОНОВ. (ЎзА).***

# КОРҲОИ БУЗУРГИ СОХТМОНӢ ДАР СӮХ

***Қарори Сарвари давлат «Дар бораи чораҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Сӯх дар солҳои 2026-2028, таъмини шуғли аҳолӣ тавассути истифодаи захираҳо ва имкониятҳои мавҷуда ва рушди босуръати соҳибкорӣ», аз 8 июли соли равон, дар дилу дидаи мардуми ин минтақаи дурдаст шодиву ифтихор ба бор овард. Зеро ноҳия аз чаҳор тараф дар иҳотаи Қирғизистон воқеъ гашта, танҳо дар даҳсолаи охир бо ташаббуси Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст.***

– Бахусус, сарвати арзишмандтарини Сӯх мардуми боистеъдод, далеру шуҷоъ ва меҳнатдӯсти он аст. Ноҳия ва аҳолии он ҳамеша зери таваҷҷуҳи махсуси Президент қарор доранд. Қарори вижа «Дар бораи чораҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Сӯх дар солҳои 2026-2028, таъмини шуғли аҳолӣ тавассути истифодаи захираҳо ва имкониятҳои мавҷуда ва рушди босуръати соҳибкорӣ», ки аз ҷониби Роҳбари давлат қабул шуд, аҳамияти бузург дорад, зеро он воқеан оғози рушди нави ин минтақаи биҳиштосои вилоятамонро фароҳам меорад, – изҳор намуд ҳокими вилоят Хайрулло Бозоров.

Бар асоси он корҳое ба сомон мерасанд, ки дар табдил додани минтақа ба ноҳияи муосири озод аз бекорӣ ва камбизоатӣ, афзоиши иқтидори иқтисодӣ ва афзоиши даромад ва некӯаҳволии аҳолӣ басо мусоидат хоҳад кард.

Дар доираи қарори Сарвари давлат барои Сӯх 1,5 триллион сӯм ҷудо карда мешавад, ки татбиқи 162 лоиҳаи сармоягузорӣ ва иҷтимоиро дар бар хоҳад гирифт.

– Нишондиҳандаҳои мушаххаси ҳадафманд барои рушди ҳамаҷонибаи ноҳия дар солҳои 2026-2028 муайян карда шудаанд. Аз ҷумла, амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба маблағи умумии 80 миллион доллар, афзоиши содирот ба 15 миллион доллар, афзоиши шумораи сайёҳон 1,4 маротиба ва таъмини суръати устувори афзоиши саноат, хидматрасонӣ ва кишоварзӣ барномарезӣ шудааст, – гуфт Х. Бозоров.

Вай таъкид варзид, ки сайёҳӣ яке аз «муҳаррикҳо»-и нави иқтисоди Сӯх хоҳад шуд. Дар соҳили 5-километраи дарёи Сӯх, дар маҳаллаҳои «Сариканда», «Ровон» ва «Шарқобод», тибқи нақшаи генералӣ, бо сармоягузории 720 миллиард сӯм дар масоҳати 176 гектар як маҷмааи муосири истироҳатӣ ва саломатӣ сохта мешавад.

Гуфта шуд, ки дар баробари ин корҳои бузург барои навсозии шабакаҳои муҳандисӣ ва коммуникатсионӣ, иншооти иҷтимоӣ ва инфрасохтори роҳу нақлиёт анҷом дода мешаванд. Хидматрасонии мунтазами ҳавоӣ, ки барои Сӯх басо ногузир мебошад, ба роҳ монда мешавад ва парвозҳоро ҳавопаймоҳои «Cessna-208», «Caravan» ва «L-410» ба ҷо меоранд.

– Ҳадафи асосии ҳамаи лоиҳаҳои амалӣ таъмини некӯаҳволии ҳар як оила ва эҳсоси возеҳи тағйироти амалӣ дар ҳаёти аҳолӣ мебошад, – иброз дошт дар охири суханронӣ Хайрулло Бозоров.

Дар чорабинӣ роҳбари Департаменти Дастгоҳи Президент Бобур Хоҷаев таъкид варзид, ки ин қарор барои табдил додани Сӯх ба минтақаи шукуфонтар, муосиртар ва рушдёфта хидмат хоҳад кард.

Дар пайи анҷоми чорабинӣ, ки бо таронаҳои марғуб ва рақсҳои дилнишин ба поён расид, ба татбиқи як қатор лоиҳаҳои бузурги сохтмон, ки барои таъмини некӯаҳволии аҳолӣ ва рушди минбаъдаи инфрасохтори минтақа равона шудаанд, ҳусни оғоз бахшида шуд. Корҳои мустаҳкам кардани соҳилҳои дарёи Сӯх ва сойи Обишир, ки аз минтақаи Сойбозори ноҳия мегузарад, сохтмони 12 бинои истиқоматии 7-ошёна, таъсиси клиникаи хусусии муосир дар Ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Истиқлоли маркази ноҳия аз ҳамин шумор мебошанд.

Маълум шуд, ки клиникаи хусусиро ба маблағи 6 миллион доллар соҳибкори маҳаллӣ Гулшан Ҳотамов ва сармоягузорони рус амалӣ хоҳанд кард. Гуфта мешавад, клиника дар асоси стандартҳои муосири тиббӣ сохта мешавад ва имкониятҳоро барои пешниҳоди хидматрасонии тиббии баландсифат ба аҳолӣ васеъ мекунад. Илова бар ин, ин лоиҳа дар рушди сайёҳии тиббӣ дар минтақа, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва тақвияти минбаъдаи инфрасохтори ин соҳа нақши муҳим хоҳад бозид.

Боздиди ҳокими вилоят Хайрулло Бозоров аз макони таърихӣ ва муқаддаси ноҳияи Сӯх – зиёратгоҳи «Санги навишта» муъҷиби он шуд, ки қаламрави зиёратгоҳро боз ҳам зеботар гардонанд, инфрасохторро беҳтар созанд, шароити муосир ва бароҳатро барои зоирон фароҳам оваранд, инчунин ин маконро ба масири сайёҳии минтақа дохил кунанд.

**М. АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Фарғона.**

*Дар ду гектар майдони хоҷагии фермерии “Комил Юсупов”, ки дар ҳудуди маҳаллаи “Қарабайли”-и ноҳияи Шуманайи Ҷумҳурии Қароқалпоқистон мавқеъ гузидааст, барои таҷриба навъҳои “Maixotra” ва “Baraka”-и нахӯд кишт карда шуда буд.*

*Бино ба фикри мутахассисон, ин навъҳои нахӯд дар шароити камобии Қароқалпоқистон хуб нашъунумӯъ мекардаанд.*

*Дар айни ҳол нахӯд ба ҳосил даромадааст. Ба нақша гирифта шудааст, ки дар хоҷагиҳои фермерии ноҳияҳои дигар низ парвариши ду навъи нахӯд ба роҳ монда мешавад.*

***Дар акс:** майдони таҷрибавии парвариши нахӯд дар ноҳияи Шуманай.*

***Аксбардор: М.ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).***



*Дар мавзӯи муҳим*

# ЧАРО АРЗИШҲОИ ДОНИШҶӮЁН БА НИЗОМИ МУКАММАЛ НИЁЗ ДОРАНД

***Муассисоти таҳсилоти олии муосир наметавонад танҳо бо андӯхтани донишҳои касбӣ маҳдуд шавад. Вазифаи он инчунин ташаккули шахсияти донишҷӯ, арзишҳои маънавӣ, мавқеи шаҳрвандӣ ва ҳисси ватандӯстии ӯ мебошад. Дар ин мақола аз он хусус, ки чаро фаъолияти тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ бояд на аз чорабиниҳои ҷудогона, балки аз низоми муназзами идоракунӣ иборат бошад ва кадом самтҳои тарбия имрӯз аҳамияти бештар доранд, сухан меравад.***

Дар гузашта дипломи таҳсилоти олӣ, пеш аз ҳама, нишонаи соҳиби донишҳои касбӣ буд. Имрӯз ин дигар кифоят намекунад. Ҷаҳон бо суръати баланд тағйир меёбад: рақамикунонӣ, ҷаҳонишавӣ ва рақобати арзишҳо рӯз ба рӯз бештар мегарданд. Дар чунин шароит донишгоҳ дигар наметавонад танҳо «маркази тарбияи мутахассис» бошад. Он бояд шахсиятеро тарбия намояд, ки дорои арзишҳои устувори ахлоқӣ, мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ ва ҳисси баланди ватандӯстӣ бошад.

Барои Ўзбекистон ин масъала кайҳо аз доираи баҳсҳои илмӣ берун рафта, ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Қонун «Дар бораи маориф», «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» ва қарорҳои давлатӣ оид ба тарбияи маънавию ахлоқии ҷавонон таъкид менамоянд, ки ташаккули арзишҳои донишҷӯён бояд раванди идорашаванда ва низомнок бошад, на фаъолияти тасодуфӣ. Аз муассисаҳои таҳсилоти олӣ талаб карда мешавад, ки сатҳи баланди маънавият, ватандӯстӣ ва ҷаҳонбинии устувори хатмкунандагонро таъмин намоянд.

Солҳои охир муносибат ба тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ тағйир ёфтааст. Агар пештар он бештар ҳамчун масъалаи психология ва педагогика баррасӣ мешуд, имрӯз бештар дар бораи идоракунии низоми тарбия сухан меравад. Тарбия танҳо дар он сурат самаранок мебошад, ки пешакӣ нақшагирӣ шуда, ҳамгирои раванди таълим гардад ва натиҷаҳои он мунтазам арзёбӣ карда шаванд.

Мутахассисон се ҷузъи асосии ташаккули шахсияти донишҷӯро ҷудо менамоянд. Аввал, ҷузъи маърифатӣ, ки дониш, ҷаҳонбинӣ ва дарки воқеиятро дарбар мегирад. Дуюм, ҷузъи арзишию ҳавасмандкунанда, ки қабул ва дарки ботинии арзишҳоро ифода мекунад. Сеюм, ҷузъи рафторӣ, ки нишон медиҳад арзишҳои қабулшуда дар амал ва рафтори инсон чӣ гуна зоҳир мегарданд. Бидуни ҳамоҳангии ин се ҷузъ тарбия хусусияти расмӣ гирифта, ба тағйири воқеии рафтори донишҷӯ мусоидат намекунад.

Дар амал фаъолияти тарбиявӣ аз чанд самти муҳим иборат аст. Тарбияи касбӣ донишҷӯро на танҳо ҳамчун мутахассис, балки ҳамчун шахси масъулиятшинос ташаккул медиҳад. Тарбияи шаҳрвандиву ватандӯстӣ ҳисси масъулият нисбат ба давлат ва ҷомеаро инкишоф медиҳад. Тарбияи фарҳангиву ахлоқӣ меъёрҳои асосии одоб ва рафтори инсониро тарғиб мекунад. Самти варзишию солимгардонӣ бошад, ба рушди тарзи ҳаёти солим, интизом ва ирода мусоидат менамояд.

Яке аз самтҳои муҳими фаъолияти тарбиявӣ рушди худидоракунии донишҷӯён мебошад. Ҳангоми он, ки донишҷӯён мустақилона маҳфил, лоиҳа ва чорабиниҳоро ташкил мекунанд, онҳо малакаҳои роҳбарӣ, масъулиятшиносӣ ва ҳамкориро аз худ менамоянд, ки барои иҷтимоишавии онҳо аҳамияти калон дорад.

Муассисаҳои таҳсилоти олии имрӯз барои баланд бардоштани самаранокии тарбия аз воситаҳои нав истифода мебаранд. Аз ҷумла, аз платформаҳои рақамӣ барои мониторинги иштироки донишҷӯён, фаъолияти лоиҳавӣ ба ҷойи лексияҳои якдафъаина, барномаҳои мубодилаи байналмилалӣ ва ҳамкорӣ бо донишгоҳҳои хориҷӣ. Ҳамкории байналмилалӣ ба ҷавонон имконият медиҳад, ки нисбат ба фарҳангҳои гуногун таҳаммулпазир бошанд, муколамаи созандаро омӯзанд ва салоҳиятҳои заруриро барои фаъолияти касбӣ ва шаҳрвандии худ такмил диҳанд.

Таҷрибаи мавҷуда нишон медиҳад, ки тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ танҳо дар он сурат натиҷаи дилхоҳ медиҳад, ки он мисли раванди таълим бо банақшагирӣ, мониторинг ва мақсадҳои аниқ идора карда шавад.

Рушди минбаъдаи ин низом тақозо менамояд, ки муносибати инфиродӣ нисбат ба ҳар як донишҷӯ тақвият ёбад, фаъолияти кураторон ва мураббиён боз ҳам беҳтар гардад ва технологияи рақамӣ дар идораи раванди тарбия васеъ истифода шавад. Маҳз ҳамоҳангии усулҳои анъанавӣ ва имрӯза метавонад самаранокии тарбияи ахлоқию идеологии донишҷӯёнро ба сатҳи баландтар бирасонад.

**Артур АЗЕГОВ,**
**узви парламенти ҷавонони Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

# «СОҲИЛБӮЙ» – СИМОИ НАВИ НАВОӢ

***Шаҳр танҳо маҷмӯи биноҳои баландошёна ва роҳҳои мумфарш нест. Рӯҳи шаҳрро пеш аз ҳама муҳити зист, фароғатгоҳҳо, фазои фарҳангӣ ва шароите муайян месозанд, ки инсон худро дар он озод, ором ва хушбахт эҳсос мекунад. Аз ҳамин нигоҳ, ҳар як иншооти иҷтимоие, ки ба беҳтар гардидани сифати зиндагии мардум хидмат мекунад, арзиши бештар аз як сохтмони одӣ дорад. Бунёди сайргоҳи замонавии «Соҳилбӯй» дар ҳудуди пайвасткунандаи шаҳри Навоӣ ва ноҳияи Кармана низ аз ҳамин қабил ташаббусҳо буда, он на танҳо симои меъмории шаҳрро дигаргун месозад, балки ба яке аз марказҳои муҳимми фарҳангиву фароғатӣ ва иҷтимоии вилоят табдил хоҳад ёфт.***

Имрӯз вилояти Навоӣ аз ҷумлаи минтақаҳое мебошад, ки дар он корҳои созандагиву ободонӣ бо суръати баланд идома доранд. Дар баробари рушди саноат, ҷалби сармоя ва татбиқи лоиҳаҳои бузурги иқтисодӣ, ба беҳтар намудани муҳити шаҳрсозӣ низ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир мегардад. Зеро таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки рушди устувори шаҳр танҳо бо сохтмони корхонаҳо маҳдуд намешавад. Барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ муҳити муносиби истироҳат, фароғат ва хидматрасонӣ низ нақши ҳалкунанда дорад.

Дар ҳамин замина, бунёди маҷмааи истироҳатии «Соҳилбӯй» яке аз лоиҳаҳои муҳимми солҳои охир ба шумор меравад. Ҳокими вилоят Нормат Турсунов зимни боздид аз майдони сохтмон ба масъулон ҷиҳати таъмини сифати баланд, риояи меъёрҳои муосири шаҳрсозӣ ва суръат бахшидан ба корҳои кабудизоркунӣ дастуру супоришҳои мушаххас дод.

Тибқи маълумоти пешниҳодшуда, дарозии умумии сайргоҳ қариб 2 километр буда, дар марҳилаи аввал сохтмон дар масоҳати 600 метр идома дорад. Айни замон корҳои зерсохторӣ, муҳандисӣ ва омодасозии ҳудуд ба анҷом расонида мешаванд. Пас аз анҷоми пурраи лоиҳа, «Соҳилбӯй» ба яке аз калонтарин ва муосиртарин маконҳои истироҳати аҳолӣ дар вилоят табдил хоҳад ёфт.

Дар доираи ин тарҳ бунёди китобхонаи замонавӣ, нуқтаҳои хидматрасонӣ, фуд-тракҳо, марказҳои савдо, гӯшаҳои махсус барои аксбардорӣ, таваққуфгоҳи васеъ, шабакаи интернети баландсуръати Wi-Fi, низоми равшанидиҳии шабона ва нишастгоҳҳои бароҳат пешбинӣ шудааст. Ин ҳама аз он шаҳодат медиҳад, ки лоиҳа на танҳо ба талаботи имрӯза, балки ба меъёрҳои шаҳрсозии муосир мутобиқ гардонида шудааст.

Яке аз муҳимтарин паҳлуҳои ин лоиҳа таъсири иҷтимоиву иқтисодии он мебошад. Мувофиқи ҳисобҳо, баъди пурра мавриди истифода қарор гирифтани сайргоҳ тақрибан барои 120 нафар ҷавонон ва занону духтарон ҷойҳои кори доимӣ муҳайё мегардад. Илова бар ин, маҷмаа имкони хидматрасонӣ ба зиёда аз 3000 нафар сокинону меҳмононро дар як вақт фароҳам месозад. Ин нишондиҳандаҳо далели онанд, ки «Соҳилбӯй» танҳо як макони фароғатӣ нест, балки қисми муҳими инфрасохтори иҷтимоӣ ва иқтисодии шаҳр ба ҳисоб меравад.

Таҷрибаҳои шаҳрсозии байналмилалӣ низ аҳамияти чунин лоиҳаҳоро тасдиқ мекунанд. Коршиносони шаҳрсозӣ бар ин назаранд, ки мавҷудияти фазоҳои ҷамъиятии босифат метавонад ҷолибияти шаҳрро барои сармоягузорон ва сайёҳон афзоиш дода, рушди соҳибкории хурд ва хидматрасониро суръат бахшад. Дар бисёр шаҳрҳои ҷаҳон маҳз чунин минтақаҳои фароғатӣ ба марказҳои фаъоли иқтисодӣ табдил ёфта, садҳо ҷойҳои нави корӣ таъсис додаанд.

Навоӣ низ имрӯз бо чунин рӯйкарди нав рушд мекунад. Дар солҳои охир дар вилоят даҳҳо иншооти иҷтимоӣ, роҳҳо, муассисаҳои таълимӣ, боғҳо ва марказҳои хидматрасонӣ мавриди истифода қарор гирифтанд. Ин ҳама нишон медиҳад, ки сиёсати рушди вилоят танҳо ба нишондиҳандаҳои иқтисодӣ маҳдуд набуда, ба беҳтар гардидани сифати зиндагии мардум низ равона шудааст.

Арзиши воқеии «Соҳилбӯй» маҳз дар ҳамин аст. Зеро ҳар як дарахти шинонидашуда, ҳар як чароғи равшанидиҳанда, ҳар як нишастгоҳи бароҳат ва ҳар як ҷойи нави корӣ сармоягузорӣ ба ояндаи шаҳр мебошад. Дар шароите, ки аҳолии шаҳрҳо сол то сол меафзояд ва талабот ба ҷойҳои фароғатӣ бештар мегардад, чунин иншоот ба яке аз омилҳои муҳими таъмини зиндагии шоиста табдил меёбанд.

«Соҳилбӯй» фардо танҳо як сайргоҳ нахоҳад буд. Он ба рамзи симои нави Навоӣ, ба нишонаи сиёсати созандагӣ ва ба маконе мубаддал хоҳад шуд, ки дар он оилаҳо истироҳат мекунанд, ҷавонон имкони кор меёбанд, кӯдакон бозӣ мекунанд ва меҳмонон бо чеҳраи наву замонавии вилояти Навоӣ ошно мешаванд. Ҳамин аст, ки чунин тарҳҳо на танҳо имрӯз, балки барои наслҳои оянда низ арзиши пойдор доранд.

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори “Овози тоҷик”.**
*Вилояти НАВОӢ.*

***Бар асоси қарори Президент «Дар бораи чораҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи сифатан нав дар соҳаи муҳоҷират ва фардигардонӣ тавассути рақамикунонӣ» аз 19 январи соли 2026 дар шуъбаҳои муҳоҷират ва фардисозии вилоятҳои Тошканд, Самарқанд ва Фарғона, инчунин Ҷумҳурии Қароқалпоқистон дар асоси зеҳни сунъӣ шуъбаҳои муҳоҷирати «Smart» таъсис дода шудаанд, ки пурра рақамӣ хоҳанд шуд.***

# МАҚСАДИ АСОСӢ – БЕҲБУДИ ХИДМАТРАСОНӢ БА АҲОЛӢ

Дар марҳилаи аввал, баъзе хидматҳои давлатӣ дар нуқтаҳои муҳоҷирати «интеллектуалӣ» (зеҳнӣ) пешниҳод карда мешаванд ва баъдтар намудҳои худхидматрасонӣ васеъ карда мешаванд. Самтҳои афзалиятноки ин иқдом тақозо менамояд, ки шуъбаҳои муҳоҷират ва фардигардонии мақомоти корҳои дохилӣ ба «воҳидҳои хидматрасонӣ» табдил дода шаванд.

Ин раванд дар асоси принсипҳои самаранокӣ ва шаффофият ба аҳолӣ хидматрасониҳои қулайтар ва босифатро пешниҳод мекунад. Дар натиҷа дақиқӣ ва эътимоднокии маълумоти шахсӣ пурра таъмин хоҳад шуд. Барои ҳамин бо мақсади татбиқи зеҳни сунъӣ дар соҳаи муҳоҷират ва фардисозӣ, баланд бардоштани самаранокии кор дар назди Вазорати корҳои дохилӣ ва идораҳои маҳаллии он – дар вилоятҳои Тошканд, Самарқанд ва Фарғона, инчунин Ҷумҳурии Қароқалпоқистон Департаменти муҳоҷират ва фардисозӣ ташкил карда шудааст. Ин департамент ба аҳолӣ хидматҳоеро пешниҳод менамояд, ки аз додани корти шахсияти шаҳрванди Ҷумҳурии Ўзбекистон ва иваз кардани он иборат мебошад.

Аз маълумоти дафтари матбуоти Садорати корҳои дохилии вилояти Фарғона бармеояд, ки минбаъд бақайдгирӣ ё аз қайд баровардани соҳибхона аз ҷойи истиқомат, аз қайд баровардани шаҳрвандон аз ҷониби соҳибхона ё бақайдгирии шаҳрвандон дар ҷойи истиқомат бар асоси системаи нав сурат хоҳад гирифт. Гузашта аз ин, одамон имкон пайдо мекунанд, ки ба ҷое нарафта, аз хона барои шаҳодатномаи таваллуди кӯдаки навзод, ақди никоҳи ҷавонон ё санадҳои дигар тариқи онлайн супориш диҳанд.

Бино ба ин маълумот пешниҳоди дархост барои гирифтани шиносномаи биометрӣ ба шаҳрванди Ўзбекистон баҳри баромадани ӯ ба сафари хориҷа, дархост барои додани ҳуҷҷати биометрии сафар барои шахси бешаҳрванд, дархост барои даъват кардани шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ҳамватанони дар хориҷа зиндагикунанда ва аъзои оилаи онҳо ба Ўзбекистон имконпазир мегардад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири “Овози тоҷик”.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# ОҚСУВ – ДЕҲҚОНОБОД: РОҲИ УМЕД БА СӮЙИ БЕШҚӮТОН

***Дар домани кӯҳи зебоманзараи Ҳисори вилояти Қашқадарё деҳае ҷойгир аст, ки номаш Бешқӯтон мебошад. Ин деҳа таърихи тӯлонӣ дорад, вале садҳо сол боз як дард – масъалаи оби нӯшокӣ қалби мардумро ором намегузорад.***




Ҳарчанд деҳа дар паноҳи кӯҳи Ҳисор ҷойгир аст, аз сабаби ҷуғрофӣ дарёҳо гирди онро давр зада, ба худи деҳа намерезад. Солҳои охир аҳолӣ маҷбур буд, ки оби нӯшокиро тавассути мошинҳои махсуси обкашон бо пул харида, дар ҳавлии худ дар ҳавзҳои махсус нигоҳ доранд. Ин ҳолат барои мардум ноқулайии ҷиддӣ ба вуҷуд меовард, ҳар қатра об, ки барои дигарон осон дастрас аст, барои сокинони Бешқӯтон меҳнати зиёдеро талаб мекард.

Ин мушкилот на танҳо ба деҳаи Бешқӯтон, балки ба даҳҳо деҳаи дигари ноҳия низ вобаста буд. Дар воқеъ, масъалаи оби нӯшокӣ ва умуман таъмини об яке аз нуқтаҳои дардноки на танҳо ноҳия, балки тамоми ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Аз соли 2018 бо ташаббуси фаъолони ноҳия бо Президенти мамлакат муроҷиатҳо карда шуданд ва бо ташаббуси роҳбари давлат муҳтарам Шавкат Мирзиёев барои бартараф кардани ин мушкилот чораҳо андешида шуданд. Дар натиҷа лоиҳаи «Оқсув – Деҳқонобод» пешниҳод карда шуд, ки тибқи он аз кӯҳи Ҳисор дар масофаи садҳо километр тавассути қубур об ба ноҳия оварда мешавад.

Ҳамин тавр, орзуи қадимаи мардуми Бешқӯтон ва даҳҳо деҳаи дигари ноҳияи Деҳқонобод оҳиста-оҳиста ба воқеият бадал хоҳад шуд.

Маҳалли Бешқӯтон имрӯз 7 деҳаро дар бар мегирад, ки дар онҳо 542 хонадон, 684 оила ва ҷамъан 2 ҳазору 698 нафар аҳолӣ истиқомат мекунад. Маҳз ба ҳамин сабаб мардум дар солҳои охир оби нӯшокиро бо арзиши гарон харида, орзуи як қатра оби тозаро дар дил мепарваронданд.

Соли 2025 бо иштирок дар лоиҳаи «Ochiq byudjet» аз ҷониби раиси маҳалла Шодибек Беккамов пешниҳод шуда буд, ки тибқи нақшаи давлатӣ дар доираи ин лоиҳа аз майдонҳои заминҳои холӣ бо самаранокии баланд истифода бурда шавад. Бо ҳамин ташаббус маҳалла дар озмун ғолиб эълон гардид, аммо мутахассисони «Гидрогеология» бо сабаби вазъи ҷуғрофии минтақа манбаи оби артезиании пешниҳодшударо кофӣ надонистанд ва лоиҳа рад карда шуд. Лоиҳаи об дар доираи «Ochiq byudjet» боз пирӯз шуд, вале иҷрои он якчанд моҳ қафо монд. Бо ташаббуси ҳокими ноҳия Шерзод Шокиров ва пас аз муроҷиатҳои пайдарпайи аҳолӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ соли 2026 сохтмони қубури оби «Оқсув – Деҳқонобод» оғоз ёфт.

Об аз қубурҳо ба деҳот омад ва имрӯз дар деҳаҳои Бешқӯтон, Сангмӯла, Бибиширин, Тошқоқ, Мачит оби тоза ҷорӣ гардидааст. Дар ҳар деҳа як нуқтаи бардошти об бунёд карда шудааст ва дар оянда бошад, ба ҳар як хонадон қубурҳои махсус кашида хоҳанд шуд.

Чуноне ки зикр шуд, масъалаи об барои мардуми ин маҳалҳо дарди таърихии аҷдод буд.

Лоиҳаи «Оқсув – Деҳқонобод», ки ба беҳтар намудани таъминоти оби нӯшокии аҳолии ноҳияи Деҳқонобод равона шудааст, соли 2021 оғоз гардида буд. Тибқи нақша, дар маҷмӯъ 78 километр қубури оби нӯшокӣ ва иншооти ҷамъоварии об бо иқтидори 10 ҳазору 800 метри мукааб дар як шабонарӯз бунёд карда мешавад.

Лоиҳа инчунин сохтани 310 километр шабакаҳои дохилии об, ду ҳавзи нигоҳдории об бо иқтидори 500 метри мукааб ва 16 иншооти тақсимоти обро дарбар мегирад. Дар натиҷа 78 фоизи аҳолии ноҳия, яъне зиёда аз 112 ҳазору 800 нафар сокинон, 116 деҳа бори аввал ба оби нӯшокии тоза дастрасӣ пайдо мекунанд.

Ин лоиҳа на танҳо як иншооти инфрасохторӣ, балки рамзи умеди мардуми Деҳқонобод аст, ки садсолаҳо интизори ин рӯз буданд. Обе, ки рӯзе тавассути мошинҳои обкашон бо пул харида мешуд, имрӯз худ ба сӯйи хонаҳои онҳо роҳ мекушояд.

Ин на танҳо ғалабаи муҳандисӣ, балки ғалабаи сабру матонати мардуми ин воҳа аст.

**Салоҳиддин ҶАҲОНГИРЗОДА.**
*Ноҳияи ДЕҲҚОНОБОДИ вилояти ҚАШҚАДАРЁ.*

Ба пешвози 35-солагии истиқлоли Ватани маҳбуб

Муҳаммад ШОДӢ

## Бинӯшам ширчоят

**(Дубайтиҳо)**

*Маро бардошт бар сар кӯҳсорат,*
*Шудам наздик бо моҳу ситорат.*
*Ватан, гарм аст ин дил, то бигирам*
*Зи рӯйи офтоби ту ҳарорат.*

*Расид, эй кош, ҳар дарде ба дармон,*
*Расад бар орзу ҳар покармон.*
*Дами пирӣ мусофир бозмегашт*
*Ба Меҳан, то ки бе армон диҳад ҷон.*

*Ватан, то бар машомам бӯйи гулҳот,*
*Худӣ бар рӯҳ ин худрӯйи гулҳот.*
*Бигиряд абри ту, гиряд дили ман,*
*Бихандад рӯйи ман бо рӯйи гулҳот.*

*Ба пеши чашм рӯйи дилкаши ту,*
*Даруни сина – ишқи беғаши ту.*
*Чу кӯҳистониён мағрур, ҳар «нуқс»*
*Ватан, дар қуллаҳои саркаши ту!*

*Бапо дар қулла гӯё тоқи шеърат,*
*Ба тори кӯҳ сабз авроқи шеърат.*
*Ту дорову сухан дурри ту, Меҳан,*
*Ту дунёдор бо офоқи шеърат!*

*Ба сар дорам ҳавои кӯҳсорат,*
*Мусаффо рӯҳи ман бо обшорат.*
*Чу обам, эй Ватан, резам ба ҷӯят,*
*Чу бодам, мевазам бар боғзорат.*

*Ба чашми мо, Ватан, номи ту зебост,*
*Равӣ бар пеш, иқдоми ту зебост.*
*Ба чашми субҳи гардуни дили мо*
*Фурӯзонахтари шоми ту зебост.*

*Ба боғи умр некӣ – ҳосили ту,*
*Сарои меҳри мардум манзили ту.*
*Ба ҷон то ҷо диҳӣ ишқи Ватанро*
*Муҳаббатхона даргоҳи дили ту.*

*Ватан, ҷонбахш боди кӯҳсорат,*
*Чи ширин аллаҳои ҷӯйборат.*
*Бихезад субҳгоҳон бахтбедор*
*Дили ман бо навои обшорат.*

*Ватан, рӯйи туро ман дӯст дорам,*
*Чаман, бӯйи туро ман дӯст дорам.*
*Барӣ то бар Бухорову Самарқанд,*
*Сухан, кӯйи туро ман дӯст дорам!*

*Ватан, бӯйи баҳори туст дар дил,*
*Виқори кӯҳсори туст дар дил.*
*Бисӯзад то чароғи лола дар дашт,*
*Чароғи лолазори туст дар дил.*

*Дилу ҷон мекунад ҳар дам туро ёд,*
*Дилу ҷон ҳар нафас бо туст обод.*
*Дилу ҷон аз дилу ҷон, эй дилу ҷон,*
*Ватан як рӯз созад дар ту бунёд.*

*Дилу ҷон маҳрами розанд, Меҳан,*
*Дилу ҷонҳо сарафрозанд, Меҳан.*
*Дилам хоҳад, ки дар ҳар кишвари ишқ*
*Дилу ҷонҳо бапо созанд Меҳан.*

*Зи ҳар кӣ будаам гар нотавонтар,*
*Таҳамтанҳот бар ман гашт ёвар.*
*Ватан, туғёни меҳри зӯрмандат*
*Зи ҳар кӣ кард гӯиё тавонгар.*

*Ту модар, ҳамчу ту меҳрофаре нест,*
*Чу оғӯши ту рӯҳафзо баре нест.*
*Надорам ман туро чун дӯст аз дил,*
*Ватан, монандаат чун дилбаре нест.*

*Ту гӯйӣ рӯйи ту рӯйи биҳишт аст,*
*Равон роҳи ту бар сӯйи биҳишт аст.*
*Биҳиштоғӯш, эй Меҳан, ҳама рӯз,*
*Гули боғи ту шаббӯйи биҳишт аст.*

*Самарқандиву ҳар ҳарфи ту қанд аст,*
*Сухан дар ту бинои бегазанд аст.*
*Туӣ гар лаклаки шаҳри Бухоро,*
*Пари ту, боли ту шеъри баланд аст.*

*Ҳунарҷӯву ҳунармандат суханвар,*
*Шакархову шакархандат суханвар.*
*Хусусан, эй диёри шеърпарвар*
*Бухорову Самарқандат суханвар.*

*Чаманзори ту дорад нагҳати шеър,*
*Гули хори ту дорад нагҳати шеър.*
*Баробар бо Бухорову Самарқанд*
*Ватандори ту дорад нагҳати шеър.*

*Натанҳо санги хорои ту шеър аст,*
*Самарқанду Бухорои ту шеър аст.*
*Ба гӯши булбулу боғу баҳорон*
*Суханҳои гуворои ту шеър аст.*

*Чу пур гардид рӯзаш, дар Ватан мурд,*
*Ба назди лола дар дашту даман мурд.*
*Тамоми умр содиқ бар қалам монд,*
*Чу шоир дар таҳи пои сухан мурд.*

*Сафои рӯҳ гарди обшорат,*
*Ба чашмам сурма хоки зарнисорат.*
*Тилоӣ ту, валекин симу зар чист*
*Ба назди резасанги кӯҳсорат?*

*Дилам хоҳад, ки сар монам ба поят,*
*Дили худ, ҷони худ созам фидоят.*
*Ватан, ҳис менамоям бӯйи модар,*
*Саҳарҳо чун бинӯшам ширчоят.*

*Тару сабзем бо борону барфат,*
*Зи дурри меҳри мо лабрез зарфат.*
*Ту ганҷи бебаҳоӣ ҳамчу «Хамса»,*
*Тилоӣ, эй Ватан, ҳар панҷ ҳарфат.*

*Ватан гуфтем, по гирди ҷаҳон гашт,*
*Ватан гуфтем, сар қурбони ҷон гашт.*
*Ба сар бурдем дар ҳар кунҷи олам,*
*Ватан гуфтем, эй дил, то забон гашт!*

*Туро гар ранҷ бидҳанд одҳоят**
*Кашам фарёд ман бо бодҳоят.*
*Ватан, он қадр «пурзӯр»-ам, ки як дам*
*Натонам зистан бе ёдҳоят.*

---

***Одҳо** – қабилаи қадимии ба ғазаби Худо дучоршуда*

# ҲАМСАБАҚЕ, КИ НОМУ КОРАШ ҲАМЕША БОИСИ ИФТИХОРИ МОСТ



Ману Пайванди Гулмуродзода панҷ сол дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ҳамроҳ таҳсил кардем. Равоншод сардори гурӯҳи мо буд ва тӯли ин муддат ҳамчун бародар будем. Вай яке аз аълохонҳо маҳсуб меёфт.

Пас аз солҳои тӯлонӣ рӯзе телефон занг зад ва аз он тарафи гӯшӣ овози Пайванди Гулмурод шунида шуд. Дарҳол дар куҷо буданашро пурсидам ва вайро дар Китобхонаи миллии Ӯзбекистон машғули ҷустуҷӯву таҳқиқот дарёфтам.

– Ба ин ҷо барои чанд рӯз омадам ва хостам аз фурсат истифода кунаму шуморо ҳам бинам, – гуфт Пайванд.

– Аз дидани шумо низ хеле хушҳол шудам. Охир мо солҳои дароз ҳамдигарро надидем, – гуфтам дар навбати худ ва чанд лаҳза аз кору фаъолияту зиндагии худ вайро огоҳ кардам.

Ҳамон шаб барои ману Пайванд шаби ёдоварӣ аз солҳои тиллоии донишҷӯӣ, мавсими пахтачиниҳо, баъди хатми донишгоҳ киҳо дар Душанбешаҳр мондаанд ва амсоли он буд.

Ростӣ, вақте ки солҳои навадум вазъи Тоҷикистон рӯ ба бесару сомониҳо ва ташаннуҷ оварда буд, ман ҳамеша дар фикру хаёли он будам, ки ҳамкурсонам дар чӣ ҳолу вазъ қарор дошта бошанд.

– Худоро шукр, ки бо азму талоши роҳбари хирадманди Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мо аз бумбаст берун шудем ва сулҳу субот дар кишварамон барқарор гардид, – гуфта буд Пайванд.

Ба афзудаи ӯ вазъи босуботи мамлакати тоҷикон мунҷар ба он шудааст, ки ҳар кас аз пайи кору зиндагии ороми худ шавад. Вай низ ба таҳқиқу пажӯҳиш машғул аст, то кори докториашро ба фарҷом расонад.

– Камтари дигар мондааст, ки рисолаамро тамом кунам. Баъди дифоъи рисола ба навиштани китобе шурӯъ хоҳам кард, ки давраҳои гуногуни ҳаётамро мавриди бозтоб қарор хоҳад дод, – гуфта буд вай.

Аз он болидам, ки бо азму талошҳои пайиҳами Пайванди Гулмуродзода ва ҳамсафони дигари ӯ 11 март, яъне рӯзи чопи шумораи нахустини рӯзномаи «Бухорои шариф» ҳамчун «Рӯзи матбуоти тоҷик» эълон шудааст.

Ҳарду то поси шаб суҳбат кардем. Субҳ баъди ношито ӯро ба Китобхонаи миллии Ӯзбекистон расонидам.

– Дигар шуморо нороҳат намекунам. Ман то нимаи рӯз машғули кор мешавам ва баъд бармегардам. Худо кунад, ки боз ба дидору мулоқоти ҳамдигар расем. Аммо ин бор шуморо дар Душанбе – ҳамон шаҳри ҷавониҳои мо истиқбол хоҳам гирифт, – гуфт бо назокати хос ҳамкурсам.

Ноилоҷ хайрухуш кардем. Аммо аз куҷо донам, ки рӯзе марг Пайванди Гулмуродзодаи моро ба вартаи худ мекашад ва ҳанӯз корҳои зиёди ӯ нотамом мемонанду то имрӯз – 70-солагии худ намерасад.

Шунида будам, ки қариб 15 нафар ҳамкурсонамон бо сабабҳои гуногун фавтидаанд, аммо шунидани хабари марги Пайванд маро хеле дилгиру рӯҳафтода кард.

Вай танҳо 57 сол умр дид, вале дар ин муддат тавонист, ки чи дар ҷанбаи таҳқиқу пажӯҳиш ва чи дар самти тарбияи шогирдони зиёди журналист, тарҷумон ва монанди он заҳмат кашад ва номи худро дар таърихи журналистикаи тоҷик бо ҳарфҳои заррин сабт кунад. Дар ҳолномаи ӯ омадааст, ки фаъолияташро дар Саридораи ахбори радиои Кумитаи телевизион ва радиои Тоҷикистон ба сифати муҳаррир шурӯъ намудааст ва аз соли 1980 то охири умр ба ҳайси аспирант, муаллими калон, дотсент, докторант дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият доштааст.

Гулмуродзода дар шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи Ломоносов таҳсил намуда, рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Ташаккули публитсистикаи шӯравии тоҷик (1917-1929)» ҳимоя кардааст. Баъд дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аввал чун муаллими калон, аз соли 1991 ба ҳайси дотсенти кафедраи «Журналистика ва адабиёти халқҳои шӯравӣ» (ҳоло «Матбуот») фаъолияташро идома додааст.

Соли 1997 нашрияи таълимии факултети журналистикаи ДМТ «Қалам» ва баҳори ҳамон сол фаслномаи илмӣ, адабӣ ва фарҳангии «Гули мурод»-ро таъсис додааст. Вай ҳамчун муҳаққиқи варзидаи публитсистикаи ибтидои садаи бистуми тоҷик эътироф гардидааст. Дар пажӯҳишҳояш масъалаҳои мактабу маориф, фарҳангу адаб, худшиносиву худогоҳии миллӣ ҷойгоҳи хосаро касб намудаанд.

Ӯ узви Иттифоқи журналистон ва Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон буда, барои хидматҳояш дар рушду нумӯи адабиёту фарҳанг ва журналистика бо чандин ифтихорномаву медалу нишонҳо сарфароз гардидааст. Аз ҷумла, барандаи ҷоизаи Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон, дорандаи нишонҳои сарисинагии «Аълочии матбуоти Тоҷикистон», «Аълочии фарҳанги Тоҷикистон», «Аълочии маорифи Тоҷикистон», «Аълочии телевизион ва радиои Тоҷикистон», медали «Хидмати шоиста» ва як қатор ифтихорномаҳо мебошад. Гузашта аз ин, ӯро ба ҳайси муаллифи зиёда аз 110 мақолаи илмӣ, 220 очерку мақолаҳои публитсистӣ, чандин дастуру воситаҳои таълимӣ низ мешиносанд.

Пайванди Гулмуродзода ифтихори ҳамешагии мо – ҳамкурсону ҳамсабақонаш мебошад. Осори илмии ӯ барои наслҳои зиёд ба сифати манбаъи муҳими илму маърифат хидмат хоҳанд кард.

**Мирасрори ФАРҒОНӢ,**
*шаҳри ТОШКАНД.*

# ЧАРХОФАЛАКИ БАЛАНДТАРИН ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

*Дар шаҳри Самарқанд боз як иншооти мӯҳташами фарҳангию фароғатӣ – боғи «Ватанпарвар» ба истифода супурда шуд.*

*Майдони фароғатгоҳ 7 гектар буда, барои кӯдакон ва наврасон аттраксионҳои замонавӣ бунёд шудаанд. Яке аз онҳо чархофалаки баландтарин дар Осиёи Марказӣ буда, 49 хоначаи худсохт қариб 300 нафарро ба баландии 92 метр мерасонад. Аз чунин баландӣ шаҳри Самарқандро тамошо кардан мумкин аст.*

*– Ба тӯй бо тӯёна рафтан анъанаҳои миллии мо мебошад, – дар маросими ифтитоҳи маҷмӯаи истироҳатии навбунёд иброз дошт ҳокими вилояти Самарқанд Адиз Бобоев, – то иди аз ҳама бузург ва муқаддас – 35-солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Ӯзбекистон боз даҳҳо иншоотҳои гуногун ба истифодабарӣ супурда мешавад. Барои бунёди боғи «Ватанпарвар» 10 миллион доллар маблағ сарф шуд, ки дар як шабонарӯз қариб 1,5 ҳазор нафар метавонанд вақти худро хуш гузаронанд. Беш аз 150 нафар хидмати шоиста мерасонанд.*

*Воқеан дар ҳудуди истироҳатгоҳ нуқтаҳои фурӯши таомҳои миллӣ, павилонҳои яхмос ва ғайра мавҷуд.*

***Зоҳир ҲАСАНЗОДА,***
***хабарнигори «Овози тоҷик»***
***дар вилояти Самарқанд.***
***Суратгир: А. ИСРОИЛОВ (ӮзА).***




*Аз ҳаёти кӯдакистон*

# «ХАЙР БОҒЧА, САЛОМ МАКТАБ!»

***Бо ҳамин ҷумлаи содаи хушоҳанг дар муассисаи томактабии рақами 24-уми назди шуъбаи томактабӣ ва мактабии ноҳияи Самарқанд тадбири фарҳангии хотирмон барпо шуд.***

Беш аз 10 сол аст, ки дар ҳаёти мудир Мунира Баҳриева чунин лаҳзаҳои ҳаяҷонангез рух медиҳад. Воқеъан ӯ занест табиатан ҳассос, ҳалиму меҳрубон. Ӯро бархе ҳамчун устод, дигаре бонуи рамузфаҳму дилёб, боз ҳамкору маслиҳатгари беминнат мешиносанд ва эҳтиром мекунанд.

– Ба назарам, зиндагӣ баҳрест пурталотум ва роҳест пуршебу фароз, – бо табассуми ширин лаб ба сухан кушод Мунира Эркаевна, – ва бо боварии комил метавон гуфт, ки чаҳорсади онро шахсе бебокона убур карда метавонад, ки соҳиби иродаи қавист. Боиси ифтихор ва хушнудист, ки чунин хислат аз падари бузургвору модари муқаддас ва устодони сахтгир, вале меҳрубону дилсӯз ба ман гузашта.

Аммо меҳру муҳаббат ба кӯдакон аз айёми бачагӣ дар вуҷуди ман маъво гирифт.

Дар омади гап бояд таъкид намуд, ки Мунира Баҳриева дар оилаи серфарзанд ба камол расид. Баъди хатми мактаби олӣ чанд муддат дар мактаби миёна ҳамчун омӯзгор фаъолият дошт, вале дилбастагӣ ба касби мураббӣ ӯро ба кудакистони рақами 24-ум овард. Ду сол асрори касби дӯстдоштаи худро пайваста омӯхт.Чанд муддат нагузашта бо кордонӣ, нававарӣ, қолабшиканӣ ба нигоҳи роҳбарони ноҳия афтод, ки соли 2014 ӯро мудири кӯдакистон таъин кардаанд. Дар муддати кӯтоҳ чанд бинои иловагӣ қад афрохт, ҳудуди он ба боғу бӯстони дилкаш табдил ёфт.

– Вазифаи мо он аст, ки насли наврасро ба талаботи замон хос таълиму тарбия диҳем, – мегӯяд Мунира Баҳриева, – мураббиён Фотима Мирзоева, Шаҳзода Абулхайрова, Гулмира Ҷабборова, Мадина Муйинова, Мадина Ваҳобова ва дигарон кӯшиш ба харҷ медиҳанд, дастпарварон соҳиби дониш, ақлу заковати хеш бошанд.

Ҳамшираи шафқат Раъно Ҳасанова дар атрофи кӯдакон парвона. Шукргузор ҳастам, ки ҳама сиҳату саломат! Ҳоло ҳаво тафсон, вале ҳавзчаҳо дар хизмати бачагон. Ошпаз Дилрабо Сайёмова хӯроки серғизо, хушсифат ва болаззат тайёр мекунад, ки кӯдакон бо иштиҳои хуш тановул карда, ҳатто иловагӣ мепурсанд.

Ман боз аз боғбон Сироҷиддин Қамаров миннатдор. Дасти ин марди шариф бидуни муболиға гул. Дар ду гектар замин дарахтони мевадиҳанда ва манзаравӣ нашъунамо дошта, сабзавоту мева пешкаши дасторхон аст.

– Ҳамааш олиҷаноб, – бо табассум идома дод Мунира Эркаевна, – лекин лаҳзаҳои хайру хуш риқатовар-дия. Ана имрӯз 60 нафар писаракону духтаракони мо ба мактаб хоҳанд рафт. Онҳо навиштан, хондан, ҳисоб карданро азхуд карда, ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, ӯзбекӣ ва англисӣ ҳарф мезананд, шеъру суруд мехонанд.

Дар чорабинӣ волидайн ва меҳмонону мизбонон хосатан ба мудир арзи сипос намуданд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

# ТАБИАТ МЕКУНАД МОРО ТАБОБАТ



**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).**

---

### «Барои мустаҳкам кардани равғани гурда

Тути сафед барои мустаҳкам кардани равғани гурда давои беҳтарин аст.

### Ҳангоми бемориҳои гурда

Ибни Сино аз реша, барг ва ҳосили растании гули хайрӣ (алтей) даво омода карда, барои табобати бемориҳои гурда истифода бурдааст. Барои тайёр кардани он, ба зарф 2 истикон оби ҷӯшида хунукшударо рехта, 4 қошуқча решаи майдашудаи гули хайриро андохта, 8 соат гузошта мешавад. Сипас аз дока гузаронида, дар як рӯз 3–4 маҳал нимистиконӣ нӯшида мешавад.

### Барои беҳтар кардани фаъолияти гурда

Барои рафъи варам, газаки пешобдон ва беҳтар кардани кори гурда, дар як рӯз 3–4 маротиба дамкардани барги ҷаъфарӣ (петрушка) истеъмол кардан лозим аст.

### Барои фарбеҳ кардани гурда

Агар аз мағзи чормағз ва асал мураббо омода намуда, истеъмол карда шавад, гурдаро фарбеҳ мекунад.

### Барои майда кардани санги гурда

Ҷӯшобаи сабуки бӯймодарон санги гурдаро майда мекунад.

### Барои баровардани санги гурда

Буймодарон дар майда кардан ва баровардани санги гурда фоида дорад. Буймодаронро дар вақти гул бо гулҳояш гирифта, дар соя хушк мекунанд. Барои тайёр кардани дамкарда, ба зарфи сарпӯшдор як истикон оби ҷӯшон рехта, аз қисми рӯизаминии растанӣ 1 қошуқ илова намуда, 1 соат дам медиҳанд. Аз дока гузаронида, аз он дар як рӯз 3–4 маҳал пеш аз хӯрок 1 қошуқ нӯшида мешавад.

### Барои баровардани намакҳои гурда

Мураббои сабзӣ барои рафъи заъфи гурда, дарди сутунмӯҳра фоида дошта, ба зиёд шудани қувваи ҷинсӣ ёрӣ мерасонад.

Тарзи тайёр кардани мураббо: сабзии сахту рангаш хубро гирифта, ду нӯгаш бурида мешавад. Ба болояш ба андозаи вазнаш шакар илова мекунанд. Ба зарф андохта, то гӯр кардани сабзӣ об мерезанд ва дар оташи паст то мулоим шудани сабзӣ меҷӯшонанд. Сипас аз оташ гирифта, сабзиро ба зарф гирифта, хушк мекунанд. Баъд аз хушк шудан, ҷойҳои вайроншударо тоза карда, боз ба дег меандозанд. Аз болояш асали тозашударо ба андозае мерезанд, ки тақрибан 2 см сабзиро гӯр кунад ва дар оташи паст мепазанд. Вақте ки тамоми сабзӣ асалро ҷаббида мегирад, мураббо аз оташ гирифта мешавад. Мураббои омодашударо ба зарф гирифта, мувофиқи табъ зиравор илова кардан мумкин аст.

Пагоҳӣ 10 дақиқа пеш аз наҳорӣ 2 қошуқ ва бегоҳӣ пеш аз хоб 3 қошуқ, дар давоми 21 рӯз истеъмол кардан мувофиқ аст.

### Ҳангоми хуруҷи бемории гурда

Шахсони гирифтори бемории гурда бояд ҳар рӯз 50–100 грамм асали тоза истеъмол намоянд. Ин хуруҷи бемориро пешгирӣ мекунад.

---

**(Давом дорад).**

Таҳияи **З. ҲАМДАМОВА,**
**А. РӮЗИМАТОВ.**

*Акси садо*

# «ДАР ЯГОН МАКТАБ МУАЛЛИМ МЕШУДАГИСТЕМ-ДИЯ!»

Китоб дӯсти инсон буд, ҳаст ва мемонад. Китоб ба инсон ҳаётро меомӯзонад,- тарбия менамояд ва доираи андешаву фикрронииашро рангину зебо мегардонад. Мақолаи «Агар омӯзгори адабиёт китоб нахонад...», ки дар шумораи 52-юми рӯзнома («Овози тоҷик», 2026. №52) ба табъ расида, ба қалами Зулхумор Рашидова тааллуқ дорад, ҳар як омӯзгори баномусро бефарқ намегузорад.

Дуруст аст, ки солҳои охир муносибат ба китоб суст шуда истодааст. На фақат омӯзгори адабиёт, балки омӯзгор ном соҳиби касб бояд китоб хонад, рӯзнома хонад, маҷалла хонад...

Аммо омӯзгорони мактабҳо имрӯз бо бешармӣ, «мо китоб намехонем!» мегӯянд.

Ба гӯшҳои худ бовар намекунед, ки омӯзгор ин суханонро мегӯяд. Солҳое, ки мо омӯзгори ҷавон будем, устодон аз ягон китоби бадеӣ баҳс мекарданд ва агар мо нахонда бошем, пинҳонӣ пайдо мекардему мехондем. Зеро ору номус буд, виҷдон буд. Боварӣ дорам аксарият китоби дарсиро низ ба таври бояду шояд намехонанд. Дар тарҷумаҳои китобҳои дарсӣ чӣ аз ҷиҳати мантиқ, чӣ аз ҷиҳати имло ва истифодаи калимаҳои лозима, хато бисёр аст. Омӯзгоре, ки китоби дарсиро бо мақсади муайян хонд, албатта, ба машварат мепардозад, ё аз ягон кас мепурсад. Ин ҳолат рӯй надодааст ва намедиҳад, чунки ҳама «доно»-анд. Лаззате, ки хониши китобҳои бадеӣ доранд, фақат хонанда медонад. Бисёр шунидаем, ки мегӯянд: «Агар омӯзгор як рӯз нахонад, симои омӯзгориашро гум мекунад». Ба фикрам, омӯзгори ҳақиқӣ (на хасакӣ) ҳақ надорад, ки нахонад. Дар давраи мактабхонӣ ҳавас мекардем ба устодон, зеро мудом онҳоро дар даст китобу рӯзнома медидем. Имрӯз манзара баръакс аст. Омӯзгорӣ касби тасодуфӣ нест.

Бо ҷавони одие, ки ҳар сол ба Русия ба кор рафта меомад, суҳбате доштам. Зимни суҳбат иброз намуд, ки бо ҳамроҳи ӯ ҷавонони зиёде кор мекунанд. Аҷоиботаш дар он ҳаст, ки ҷавононе, ки худашон дар Русия кор мекунанду таҳсилашон дар ин ё он муассисаи олии Ватан идома дорад. Вақте аз онҳо мепурсед:

– Ин чӣ хел мешавад? Шумо нахонда, чӣ мешавед? Ҷавоб чунин аст:

– Дар ягон мактаб муаллим мешавам-дия!

Ана, халос.

Аз ҳама касби осону ҳама аз ӯҳдааш мебаромадагӣ муаллимӣ будааст.

Ҳол он ки гирифтани як иншо метавонад сатҳи дониши ҳар як омӯзгорро равшан намояд.

Шукри он мекунам, ки на ҳамаи омӯзгорон андешаҳои болоиро доранд. Шукр, ки фидоиён ҳастанд. Бешубҳа, фақат китоб метавонад моро аз ин гирдоби ҳалокатовар бираҳонад. Фақат китоб метавонад дар мо тағйиротеро ба вуҷуд орад.

Фақат китоб метавонад моро ба асли хеш баргардонад, то вориси шоиста бошем. Пас, ба нахондан ҳақ надорем. Бояд ҳар як омӯзгор китобхону рӯзномахон бошад.

Тавассути китобхонӣ мо метавонем шоистаи номи «омӯзгор» бошем. Ба ин васила, забони поки модариамонро низ ҳифз менамоем.

**Сулаймон СОДИҚ,**
**омӯзгори мактаби рақами 9-уми ноҳияи Бӯкаи вилояти Тошканд.**



*Маркази иттилоот ва хидматрасонӣ, ки дар маҳаллаи Янги Намангони ноҳияи Норини вилояти Наманган сохта шудааст, барои наздик кардани хидматрасонии давлатӣ ва иҷтимоӣ ба аҳолӣ, ёфтани роҳҳои ҳалли зуд ва муосири мушкилоти маҳаллӣ хидмат мекунад.*

*Бинои сеошёна, ки бо ҳамоҳангии меъмории муосир ва миллӣ сохта шудааст, дорои хонаҳои алоҳида барои аъзоёни ҳафтгонаи маҳалла, толори маънавиёт, хидматрасонии иҷтимоӣ ва филиали Маркази хидматрасонии давлатӣ мебошад.*

*Дар бино инчунин идораи нотариалӣ, бонки хидматрасонӣ, агентии кадастр, утоқҳои саломатии занон ва таблиғоти ҳуқуқӣ низ фаъолият мебаранд. Дар ошёнаи боло китобхонаи муосир – маркази захираҳои иттилоотии муосир ҷойгир аст.*

***Дар сурат:*** *дар Маркази ахбор ва сервиси маҳаллаи Янги Намангони ноҳияи Норин.*

***Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).***

*Ба ҷойи табрик*

# АЗ СУҲБАТИ ҲАР КӢ ТАНҲОӢ БЕҲ

*Шамъ шав, шамъ, ки худро сӯзӣ,*
*То ба он базми касон афрӯзӣ!*
*Абр шав, то ки чу борон резӣ,*
*Бар гулу хас ҳама яксон резӣ.*

***(Мавлоно Абдураҳмони ҶОМӢ).***

Ҳар гоҳ, ки ин марди солорро мебинам, бо вуҷуди талотуми зиндагӣ, нооромии набзи рӯзгораш дар ҳар гуна қисмати умраш, носозгории муҳит дар фазои зисту кораш – ҳамеша худбовар ва синааш пур аз умеду орзу ва ҳавас аст. Наметавон гуфт, ки ӯ фақат ҳангоми лаҳзаҳои гуворои ҳаёт чунин зиндадилу рӯзгордӯст мебошад. Чаро чунин мегӯям, чунки то ҷое, ки аз ҳасби ҳол ва аъмоли ҳаёташ бохабарам, дар тӯли зиндагӣ – аз зиндаятимии кӯдакии бепадарӣ то балоғати умраш дар саҳифаҳои зиндагӣ рӯзҳои нокомӣ ва бахтбаргаштагӣ низ кам надошт. Ва шояд ҳамин гуна шароити маҳрумият ва танҳоии кӯдакӣ ӯро обутоб додааст, то ки дар муқобили сахтиҳои рӯзгор истодагарӣ кунаду ҳаргиз боварӣ ва дилгармиро ба зиндагӣ аз даст надиҳад.

Ҳанӯз дар мактаби олие дар Тошканд дарс мегуфт ва дар ин даргоҳ то муовини ректор расид, бо ситеза ва озмоишҳои ҳаёт зиёд дучор омад. Баъзан ин озмоиш ва имтиҳонҳо хеле мутаассир ва гоҳо навмедкунанда менамуданд. Бар қасди ҳамаи ин мамониат ва сахтиҳои рӯзгору ҳаёт роҳҳои ҳалли онро меҷуст.

Фаразан, ҳамин дифои рисолаи докторӣ, ки ба солҳои 90-уми бесарусомонӣ рост омад, хеле ба сарсониҳои берун аз корҳои илму муҳтавои рисола дучор омад ва пас аз саргардониҳо дар хориҷ аз кишвар онро ҳимоя карда, ба рутбаи илмии «доктори улуми техникӣ» муяссар гардид.

Дар бораи чунин «техник»-ҳое, ки моилӣ ба руҷӯъ ба адабу сухан доранд, «лирик» ҳам мегӯянд, ки Тӯхтамурод Набиев аз ҷумлаи чунинҳост. Ин гуна «руҷӯъҳо»-и домулло парешон нестанд, онҳо дар китобҳояш, мисли «Ҳақиқатнома», «Бурҷимулло» ва «Ҷаҳоннома» ҷамъоварӣ шудаанд. Дар китобаки дигараш «Фикрҳои ҳикматнок» кушиш намудааст, ки бардошт ва сабақашро аз зиндагии тӯлонии қариб ҳаштодсолааш дар шаклу ҷомаи насиҳату ҳикмат ҷамъоварӣ намояд. Аз хондани онҳо хулоса бармеояд, ки муаллим аз зиндагӣ сабақи бебадал бардоштааст ва дар яке аз онҳо мегӯяд, ки «мувозинати инсон аз баробарии гапу кори ӯст». Бале дуруст аст. Муаллим дар зиндагӣ гоҳо аз ин но-«мувозинат»-ии суханони дигарон дар ғафлат ҳам мемонад. Маълум нест, ки дар ин ғафлатҳо саҳми содалавҳӣ зиёд аст, ё хушбоварӣ.

Бештар аз 35 сол аст, ки мо шинохт дорем ва ҳар лаҳза сухан аз ягон натиҷаи маҳсули содалавҳӣ, ки рафт, барои «худсафедкунӣ» ҳамеша далели эшон тайёр аст: «решаҳои мо, ки аз Боғистон об мехурад, аз ин боис содагӣ ҳам дорем» – бо оҳанги шӯхӣ мегӯяд муаллим. Ин ишора ба он ки «бо вуҷуди ин ки дар Бурҷимулло зода шудем, волидонамон аз Боғистон аст».

Барои тавзеҳ бояд гӯям, ки мардуми болооби ноҳияи Бӯстонлиқ боғистониёнро ба далели кушодадиливу беғуборӣ содалавҳ мепиндоранд.

Ҳамин рӯйи ҳавливу дару деворро ҳар тобистон тозаву тамиз кардан мехоҳам, – ба саҳни ҳавлии мероси модарӣ, ки дар қалби Бурҷимулло ҷой гирифтааст, ишора мекунад, – аз танқисии вақт ва ваъдаи бевафои баъзе аз ҳамнишинон ҳар тобистон реҷаи кашидаамон дар ҳаво мемонад. Ман ба ин ёрдамчиҳову маслиҳатчиҳо бовар карда, дар Русияву Фарғонаву Тошканд аз паси кори худ ҳастам, лекин кор ҳеҷ пеш намеравад... Чанд сол аст, ки лулаи оби нӯшиданиро низ аз берун ба ҳавлӣ даровардан душвор шудааст.

Рости гап, дар ҳамин дулобкорӣ ва кашолакорӣ низ хусусияти хушбоварии муаллим равшан зоҳир мегардад. Гузашта аз ин, ба ин макон, ки кӯдакӣ ва наврасиаш бо модари муштипараш бо азобу маҳрумият ва дур аз сояи дасти меҳри падар сипарӣ шудааст, хеле дилбастагӣ дорад ва ҳар дафъа – бинобар таътил ва фориғ аз дарсу машғулот – роҳи онро пеш мегирад ва дар ин манзил андармони корҳое мегардад, ки аз бачагӣ одат шудааст. Ҳатто солҳои тулонӣ – бештар аз чоряк аср дар Гвинеяи Африқо ва Русия дар донишгоҳҳо дарс мегуфт, дар ёди ин порахоки ҷаннатсимо мебуд ва ҳар бор бо ҳисси зиёди пазмонӣ ба он ҷо бармегашт. Ва эҳтимол ҳоло бо ин сухану иборахо ҳадди меҳрномаи ӯро ба ватани кӯчакаш ифода кардан аз имкон берун бошад, чунки худи ӯ чун зодаи ин хоку марз на ҳамеша эҳсоси худро аз кайфи машомаш аз ин гувородиёр ифшо мекунад. Ҳар васфу тасвири зодгоҳашро дар ҳар мулку ҳар забон ҷамъоварӣ мекунад, аз хондану дидаашон ба ваҷд меояд. Гоҳ-гоҳ ба мактабу маконҳои барояш азиз сар мезанад, аз гузаштаву таърихи онҳо қиссаҳо мекунад ва хуб дарк мекунад, ки масъулияташ пеши ҳамдеҳагон ва ошнову ҳамсояву мактабиён чӣ қадар зиёд мебошад. Гапи хурд нест – танҳо дар ҳамин як мактаб қариб даҳ нафар докторони илм тарбия ёфтаанд ва чун яке аз онҳо бори масъулият ва маъниву рисолаташро ба дӯш дорад. Гузашта аз ин, кучаи онҳо маҳз ба ин муносибат «Олимон» номгузорӣ шудааст.

Дар нимаи солҳои 90-уми асри гузашта роҳбарии Маркази маданияти тоҷикони шаҳри Тошканд «Ориёно»-ро низ ба дӯш дошт. Худро чун ташкилотчӣ ва созмондеҳи маҳфилҳои маданӣ, ки мақсад аз он зиндаву барқарор сохтан ва нигоҳубини арзиш ва суннатҳои мадании мардуми тоҷик дар пойтахт буд, озмуд. Ба ин васила аз ҳаёти фарҳангӣ ва дурдонаҳои арзишманди маданияти тоҷик ҳам бархурдор ва ҳам баҳравар гардид. Зимни иҷрои ин вазифаи ҷамъиятӣ кушишҳояш барои сарҷамъ намудани аҳли адаб ва фарҳанги пойтахт борвар гардиданд. Иқдоми муаллим буд, ки дар назди марказ гурӯҳи ҳунарӣ созмон ёфт ва баъдан ин гурӯҳ зери сарпарастии ҳунарманди марҳум Мунира Муҳаммадова фаъолият кард.

Ёдам ҳаст, ки ҳатто дар яке аз мактабҳои миёнаи ноҳияи Мирзо Улуғбеки пойтахт, ки дар ин маҳал тоҷикон то андозае дастаҷамъона зиндагӣ мекарданд, ҷуръати азми кушодани синфи тоҷикӣ намуда буд. Дар муҳити пойтахт аслан ба вуҷуд омадани чунин ғоя худ як қолабшиканӣ буд...



На танҳо дар пойтахт, ки қисмати зиёди умру фаъолияти худро гузарондааст, дар зодгоҳ низ аз он ҷонибдор ва ихлосманд аст, ки фарзандони ҳамдеҳагонаш ба забони модарӣ таълим гиранд. Мактаби замоне овозадори ватани кӯчакаш, ки даҳҳо фарзандони муносиби мулку диёрро дар домани меҳрбораш парвардааст, ҳоло ба ин ниёз дорад. Ин мактаб, ки дар минтақаи болооби Бӯстонлиқ аз қадимтаринҳост, бинобар асари нависандаи номӣ Сотим Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо» низ, ки пас аз танаффусе баъди хатми Дорулмуаллимини Тошканд ба он ҷо барои таҳсили фарзандони мардум нимаи солҳои 30-юми асри гузашта омадааст, маъруф мебошад.

Маъмулан, шахсоне, ки зиндадилу хушумед ва хушрӯзгор ҳастанд, дар баробари бефарқ набудан ба рӯзгори худу ба атрофиён, дӯстдори суҳбату фароғати беғубор низ ҳастанд. Пас ин тоифа ҳамеша дар паи манбаи илҳом ва дидорҳои шавқангезанд. Ҳамин гуна дидору боздидҳо бо шарикдарсону ҳамсабақон, ки алҳол сафашон хеле кам гаштааст, ба муаллим рӯҳу неру мебахшад, ба зиндагӣ дилгармтар месозад. Аксаран дар чунин нишасту маҳфилҳо фикрҳои худро маъмулан бо суханони ноби фалсафаомези Ҳаким Умари Хайём ҷамъбаст мекунад.

Боз бештар аз Ҳазрати Хайём кӣ метавонад ворисонашро рӯҳафзову зиндагидӯст намояд?!

Шахсияташ низ чунин аст, ки атрофиён суҳбати ӯро меҷӯянд ва аз равшании қалбу нияти покаш аз тариқи суҳбатҳои муфидаш огоҳ мегарданд, ки ин низ аз фармудаҳои Ҳаким Хайём аст, ки ин нигоштаҳоро маҳз бо ҳамин маънӣ рубоии ӯ ба итмом мерасонем:

*Ду чиз, ки ҳаст мояи доноӣ,*
*Беҳтар зи ҳама ҳадиси ногӯёӣ.*
*Аз хӯрдани ҳар чӣ ҳаст, нохӯрдан беҳ,*
*В-аз суҳбати ҳар кӣ ҳаст, беҳ танҳоӣ.*

**Тоҷибой ИКРОМОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# СУХАНОНИ ҲИКМАТОМЕЗИ БУЗУРГОН

То ҳол надонистам: оё ин андӯҳ аст, ки моро ба тафаккур вомедорад, ё тафаккур аст, ки моро андӯҳгин месозад.

**Чарлз БУКОВЕНӢ.**

Бо ҳама муомилаи хуб намо, ҳатто бо шахсоне, ки ба ту бадӣ мекунанд. На барои он, ки онҳо лоиқи эҳтироманд, балки барои он ки ту инсони арзандаӣ.

**КОНФУТСИЙ.**

Шумо метавонед аз вазъият ва одамон гурезед. Аммо ҳеҷ гоҳ аз фикру эҳсосоти худ гурехта наметавонед.

**Мария РЕМАРК.**

Азамати як қавм (миллат) на бо намоишҳои пурзарқу барқ (ҷашнвораҳо) ва сохтмонҳои баланди он, балки бо мизони ҳифзи каромат ва ҳуқуқи содатарини шаҳрвандон санҷида мешавад.

**Маҳатма ГАНДӢ.**

На мушкилот, балки роҳи ҳалли онҳоро тавзеҳ диҳед.

**Ҳенрӣ ФОРД.**

Агар пайваста ба касе бигӯянд: «Ту хук ҳастӣ», саранҷом ба хуксифатӣ рӯ хоҳад овард.

**Максим ГОРКИЙ.**

Одамони воқеан нерӯманд тавзеҳ намедиҳанд, ки чаро бояд онҳоро эҳтиром намоянд, онҳо бо касоне танҳо муошират намекунанд, ки эҳтироми лозимро нисбат ба онҳо риоя намекунанд.

**Шеррӣ АРГОВ.**

Касе, ки озодии худро ба хотири амният аз даст медиҳад, на озодиро ба даст хоҳад овард ва на амниятро.

**Томас ҶЕФФЕРСОН.**

Такаббури донишмандони бехудо чизе ҷуз кӯрии хандаовару кӯдаконаи касоне нест, ки рангҳоро бо дақиқии комил меомӯзанд, аммо мавҷудияти Наққошро инкор мекунанд.

**Ҷеймс МАКСВЕЛЛ.**

Қудрати сухан дар ифода карда тавонистани маъниҳои бисёр бо вожаҳои андак зоҳир мегардад.

**ПЛУТАРХ.**

Ҳеҷ чизи бузурге дар ҷаҳон бидуни шавқу иштиёқи бузург падид наомадааст.

**Фридрих ҲЕГЕЛ.**

Бахши бузурге аз ранҷҳои мо зодаи андешаҳои худи мост, дар ҳоле ки воқеият он қадар ҳам даҳшатнок нест.

**СЕНЕКА.**

Шумо метавонед ҳар гуна қонунҳои давлатиро бинависед, аммо агар онҳо бо қонунҳои Худо дар тазод бошанд, арзише беш аз коғазе, ки бар он чоп шудаанд, нахоҳанд дошт.

**Ҳарриет Бичер СТОУ.**

Тарҷума ва таҳияи
**А. СУБҲОН.**

# ДАР ОРОМГОҲИ БАЧАГОНАИ СӮХ

»Ўзбекистони Навро бо ҷавонон бунёд мекунем» гуфтаанд Президентамон.

Бо саъю кӯшиши сарвари давлат дар ноҳияи Сӯх оромгоҳи бачагонае қад рост кард, ки масоҳати 4,9 гектарро дар бар гирифтаву аз рӯи нақша сохта шудааст ва аз ҳар ҷиҳат дорои шароити мукаммал аст.

Ин маркази маданӣ-маърифатӣ ва солимгардонӣ ба 180 нафар бачагон хидмат мекунад. Дар оромгоҳ давоми сол зиёда аз ҳазор нафар бачагон вақти хешро пурмазмун гузаронида, ба соли хониш бо рӯҳияи баланд қадам мегузоранд.

Роҳбари оқилу доно ва чашмикордон Таваккал Эркаев ба ин макони истироҳативу таълимӣ мутахассисони соҳибмалакаро ҷалб намудааст, ки ҳар яке дар адои вазифаи хеш аз сидқ меҳнат мекунанд. Ҷонишини директор Бунёд Шоматов дар ташкили тадбиру шабнишиниҳо саҳми арзандае дорад.

Дар оромгоҳ мавзӯъҳои гуногун шабнишиниҳо ба роҳ монда мешавад.

Инчунин маҳфилҳо оиди касбу ҳунар, фанҳои ҷудогона, варзиш, забономӯзӣ амал мекунанд. Ғамхории сарвари давлатро нисбати хонандагони аълохон, оилаҳои камбизоат алоҳида бояд қайд кард, ки барояшон имтиёзҳо ҷудо шуда, аз ҳисоби давлат пардохт мешаванд.

Истироҳати пурмазмун, хӯроки болаззат, шароити хуб на танҳо ба ҷавонони



ноҳия, балки ба наврасони берунмарзӣ низ оғӯши хешро боз кардааст.

Миннатдории хешро ба Президент, мутасаддиёни ин соҳа, ба маъмурияти оромгоҳ ва ходимоне, ки барои мо – ҷавонон ин қадар эътибор додаанд, баён мекунем, ки дар як қабул наздик ба 86 нафар хидмати беминнати ройгон намуданд.

Мо – ҷавонон дар бунёди Ўзбекистони Нав ба ҳар талабу даъвати Сарвари кишвар ҳозирем.

**Меҳрнози МУЛЛОРАҲМОН,**
**хонандаи мактаби рақами 4-уми ноҳияи Сӯх.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-728.
Адади нашр 2045. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: А. Субҳонов.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 22.30

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ«.
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.